## ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Назарзода Алишер Сафар дар мавзуи “Механизми ташкилӣ-иқтисодии танзими комплекси агросаноатӣ дар шароити гузариш ба рушди устувор”, ки ноил шудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 – Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ пешниҳод шудааст.**

Назарзода Алишер Сафар соли 2013 Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ҳозира Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон)-ро аз рӯйи ихтисоси иқтисодчӣ - бозрасӣ андоз бо дипломи аъло хатм намудааст. Пас аз хатми донишгоҳи номбурда барои идомаи таҳсил ба шуъбаи магистратура, ихтисоси 1-25010401 молия ва қарзи Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон (Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон) дохил шуда, соли 2015 зинаи мазкурро бо ихтисоси иқтисодчӣ - молия ва қарз хатм намуда, аз соли 2018 ба ҳайси ассистенти кафедраи идоракунии молияи давлатӣ ва аз соли 2021 то ин ҷониб ба ҳайси муаллими калони кафедраи идоракунии молияи давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон кору фаъолият намуда истодааст.

Назарзода А.С. ҳангоми иҷрои корҳои илмии худ, дараҷаи баланди мустақилиятро дар ҷамъоварии маълумотҳо, омӯзиш ва интихоби асарҳои тадқиқотчиёне, ки ҷанбаъҳои назариявии кори мазкурро таҳқиқ намудаанд, нишон додааст.

Инчунин бояд қайд кард, ки А.Назарзода ҳамасола дар конфронсҳои илмию назариявии сатҳи донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ иштирок намуда, бо маърӯзаю фишурдаҳои худ баромад намудааст.

Умуман, А.С. Назарзода дар давоми таҳсил худро чун муҳаққиқи фаъолу дорои малакаи таҳқиқотчии мустақили илмӣ нишон дода, мақсаду вазифаҳои таҳқиқотро муайян кардааст. Дар ҷараёни корӣ ӯ доираи васеи адабиётҳои ватанию хориҷиро вобаста ба мавзуи таҳқиқот омӯхта, таҷрибаи кории соҳаи таҳқиқшавандаро омӯхтааст.

Мубрамияти мавзуи интихобгардидаи таҳқиқоти диссертатсионии Назарзода А.С. аз он бармеояд, ки яке аз масъалаҳои муҳим барои омӯзиш ва таҳлили асоси назариявии механизми ташкили-иқтисодии танзими комплекси агросаноатии мамлакат ва рушди устувори соҳаи кишоварзӣ пешниҳод карда шудааст, ки он дастгирии давлатии соҳа, таъминнокии аҳолӣ бо маҳсулоти озуқаворӣ ва саноат бо ашёи хом, дигаргунсозии институтсионалии соҳа мебошад, ба ҳисоб меравад.

**Дар муқаддима** мубрамияти мавзӯъ асоснок карда шуда, дараҷаи баррасии он дар адабиёти ватанӣ ва хориҷӣ муайян гардидааст, ҳадаф ва вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологии он, заминаи иттилоотӣ, навгонии илмӣ ва аҳамияти амалии кор ифода ёфта, муқаррарот ва хулосаҳое, ки унсурҳои навоварӣ доранд, инчунин сохтор ва ҳаҷми диссертатсия оварда шудаанд.

**Дар боби якуми диссертатсия** – "Асосҳои назариявӣ-илмии механизми ташкили иқтисодии танзими комплекси агросаноатӣ", асосҳои илмии танзими механизми иқтисодии хоҷагидорӣ дар комплекси агросаноатӣ, вазифаҳои асосӣ ва фишангҳои иқтисодии танзими комплекси агросаноатӣ ва таҷрибаи танзими соҳаи кишоварзӣ дар давлатҳои хориҷа пешниҳод гардидааст.

**Дар боби дуюми диссертатсия –** "Ҳолат ва тамоюли рушди комплекси агросаноатӣ, хусусият ва механизмҳои ташкилӣ-иқтисодии танзими он", таҳлили ҳолати рушди комплекси агросаноатӣ, таъсири танзими ташкилӣ-иқтисодӣ ба рушди комплекси агросаноатӣ ва заминаҳои институтсионалии рушди комплекси агросаноатӣ баррасӣ гардидаанд.

**Дар боби сеюми диссертатсия –** "Самтҳои асосии ташаккули танзими иқтисодии комплекси агросаноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", самтҳои ташаккули комплекси агросаноатӣ дар шароити бозоргонӣ, ташаккули механизми ташкилӣ - иқтисодии рушди устувори комплекси агросаноатӣ, рушди инфрасохтор - асоси рушди устувори комплекси агросаноатӣ пешниҳод гардидаанд.

Навгониҳои илмии диссертатсия аз коркарди самтҳои гуногуни рушди босуботи соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва натиҷаи фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ, таҳлили вазъи имрӯзаи комплекси агросаноатии мамлакат, тамоюлҳои рушди истеҳсолоти соҳаи кишоварзӣ, ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ, маҳсулнокии чорво, пастравии самаранокии истифодабарӣ ва ҳолати экологии заминҳои кишоварзӣ, истифодабарии қувваи корӣ гузаронида шуда, самтҳои асосии рушди устувори соҳаи кишоварзӣ дар асоси истифодаи муҳити институтсионалӣ ташкилӣ-иқтисодӣ ва инноватсионӣ муайян карда шудаанд.

Ақидаҳои дар боло зикршуда навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсиониро тасдиқ намуда, саҳми шахсии муаллифро дар таҳияи диссертатсия нишон медиҳанд. Нуктаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ, илмӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Нуктаҳои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конфронсҳои сатҳҳои гуногун инъикоси худро ёфтаанд.

Дар вобастагӣ ба омилҳои таъсиррасон ба рушди ташкили иқтисодии танзими комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити гузариш ба рушди устувор аз ҷониби муаллиф дар ҳар як боби кори илмӣ хулоса ва пешниҳоди мушаххас оварда шудааст.

Вазифаҳои дигари таҳқиқоти диссертатсионии муаллифро таҳқиқи назарияҳо, механизми ташкили иқтисодӣ, шаклҳо, омилҳо ва тамоюлоти асосии таҷрибаи як қатор кишварҳои хориҷӣ оид ба ҳолат ва тамоюли рушди комплекси агросаноатӣ, хусусият ва механизмҳои ташкилӣ-иқтисодии танзими он мавриди таҳқиқ ва таҳлил қарор дода шудааст.

Муаллиф дар назди худ вазифаҳои дигарро бо мушаххасгардонии хусусиятҳои ташаккули тақозо ва арза оид ба соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва самтҳои асосии дастгирии давлатӣ дар баланд бардоштани самаранокии маҳсулоти соҳаи комплекси агросаноатӣ дар шароити устувор мавриди омӯзиш қарор додааст.

Дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ аз тарафи унвонҷӯ ҷамъбаст карда шуда, тавсияву пешниҳодҳои хусусияти назариявӣ ва амалӣ дошта, пешниҳод гардидаанд.

Диссертатсияи Назарзода А.С. дар мавзуи "Механизми ташкилӣ-иқтисодии танзими комплекси агросаноатӣ дар шароити гузариш ба рушди устувор" сатҳи баланди илмӣ, назариявӣ ва амалияро касб намуда, хулосаҳо ва пешниҳодҳои муаллиф оид ба ҳолати омӯзиши муаммоҳои мубрами иқтисодӣ ва илман асоснок намудани раванди ташаккул ва рушди соҳаҳои комплекси агросаноатӣ ҳамчун зарурияти воқеӣ дар шароити гузариш ба рушди устувор асоснок гардидаанд.

Рисолаи илмии Назарзода Алишер Сафар дар мавзуи "Механизми ташкилӣ-иқтисодии танзими комплекси агросаноатӣ дар шароити гузариш ба рушди устувор", ки барои ноил шуданд ба барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 – Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ пешниҳод шудааст, кори мустақилона анҷомдодашуда ва мантиқан дар ҳамин сатҳи муҳокима кори илмӣ-таҳқиқотии итмомрасида буда, арзиши баланди илмӣ дошта, барои муҳокима ва ҳимояи минбаъда дар Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-016 назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур тавсия карда мешавад.

Роҳбари илмӣ: номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, Директори Пажӯҳишгоҳи идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон — Фасеҳзода И.С.

Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси АИДНПҶТ — Ҳамидов Ш.Б.
"30" 03 соли 2023